# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи “Муътазила ва фалсафаи ақлонии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

Қосимов Қурбонали Абдусамадович унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ мебошад. Ӯ дар баробари иҷро кардани корҳои таълиму тарбия ҳамчунин ба омӯзиши масоили таърихи фалсафа ва корҳои дигари илмӣ-тадқиқотии фалсафӣ машғул буда, маҳорат ва салоҳиятҳои хуби педагогӣ нишон медиҳад. Ӯ аз фанҳои фалсафа ва таърихи дин барои донишҷӯёни донишгоҳ дарсҳои лексионӣ ва амалӣ мегузаронад. Дар давоми якчанд сол ба таҳқиқи таълимоти муътазила ва осори он камари ҳиммат бастааст, ки натиҷаи он дар шакли диссертатсия ҷамъбаст ва пешниҳод гардид.

Диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи “Муътазила ва фалсафаи ақлонии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)” як таҳқиқоти асили мустақил аст, ки мавзуи баҳси он ба чанд далел мубрамият дорад: аввалан, фалсафаи классикии исломӣ ва минҷумла, муътазила, дар доираи муносибатҳои муосири байналхалқӣ ва геополитикаи умумиҷаҳонӣ дар мавридҳои зиёд аз нигоҳҳои муғризона ва таҳлили яктарафаи пайравони аврупомарказӣ пешкаш шудааст, ки дар замони муосир омӯзиши интиқодии осори фалсафии мутафаккирон ва мактабҳои ақлгарои исломро дар доираи таърихи фалсафа зарур ва муҳим месозад; сониян, муътазила – яке аз нахустин мактабҳои фикрии ақлгарои ислом буд, ки барои рушди минбаъдаи фалсафаи тоҷик заминаҳо ва муносибатҳои нави фаҳмиши таълимоти таҳвилии исломро муайян сохтааст; сеюм, дар муҳити илмӣ-фалсафии Тоҷикистон муътазила ва таълимоти фалсафии он ба шакли кори мукаммали илмӣ-таҳқиқотӣ умуман омӯхта нашудааст, ки мубрамияти таҳқиқи масъалаи матраҳшударо муайян мекунад.

Диссертатсия аз ду боб ва шаш параграф иборат аст. Дар боби аввали он масъалаҳои вобаста ба шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила, сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила ва мутафаккирони он, тамоюлоти ақлгарои (ратсионализм)-и муътазила ва дар боби дуюми диссертатсия усулҳои бунёдии ақлгароии муътазила, хусусиятҳои маърифати ақлонии муътазила бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он, инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила баррасӣ ва таҳлил ёфтаанд. Диссертант маводи назариявиро дар доираи фалсафаи таърих таҳлил намуда, талош варзидааст, ки «аксиоматикаи

маънави»-и таълимоти муътазиларо муайян намуда, барои тафсирҳои муфассали масоили моҳиятан гуногун, ки дар паси як навъ рамзи фалсафӣ-фарҳангии ҳам исломӣ ва ҳам аврупоӣ (ба вижа методологияи илмӣ) қарор доранд, саъй меварзад. Диссертант мураккабии масъалаҳои гуногунии динӣ, антропологӣ ва воқеан фалсафии ақлгароии муътазиларо дар чаҳорчӯби равиши қатъии илмӣ нишон дода, ба ошкор намудани моҳияти ақлгароии ин мактаби фикрӣ муяссар гардидааст.

Муаллиф ҳангоми барррасӣ ва таҳлили масоили мутааллиқ ба ақлгароии муътазила аз маъхазҳои аслии мутафаккирони муътазила истифода бурдааст, аммо дар руҳияи ин мавод «ғарқ» нашуда, дар айни замон ба васвасаи «эмпиризми бараҳна» низ нагаравидааст: ба ӯ муяссар гардидааст, ки миқдори зиёди ин маводро дар сатҳи назариявӣ муттаҳид ва муназзам сохта, аз нигоҳи методологии илми муосир мавриди омӯзиш қарор диҳад. Қосимов Қ.А. муқаррароти асосии диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳо, объект, предмет, навгониҳо ва аҳамияти назарию амалии таҳқиқоташро дақиқ ифода намуда, бо масъулияти баланди академикӣ ҷанбаҳои фалсафии таълимоти ақлгароии муътазиларо пайваста ва пурра таҳлил намуда, дар он мавқеи худашро нисбат ба масъалаҳои матраҳшуда, ки дар сатҳи кофии назариявӣ ва методологӣ таҳқиқ шудаанд, таҳия ва асоснок менамояд.

Диссертатсияи Қосимов Қ.А. навигариҳои илмии бешакку шубҳа дорад, ки он аз ҳалли масъалаҳои зерини ба ҳам алоқаманд иборат аст: дар доираи илми пасошӯравӣ бори нахуст ба таври муназзам ва мушаххас мавриди таҳлил қарор гирифтани масъалаҳои ақлгароии муътазила; мукаррар намудан синтези ғояҳо, назарияҳо ва таълимоти динҳо ва мактабҳои фалсафию динии гуногун дар таълимоти муътазила; таҳлил ва хулосабарот аз консепти ақлгароии муътазила бо номи панҷ усул (*ал-усул ул-хамса*) ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи мубоҳисавии ақлгароӣ; муайян намудани нақши ақл ва маърифати ақлонии муътазила дар фаҳмиш ва дарки масоили метафизикӣ ва табиатшиносӣ.

Сохтори диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра ҷавобгӯ аст. Диссертант фаҳмиши хуби мавзуъ, лаёқати кор бо маъхазҳои аслӣ, дорои қобилияти хуби таҳлили назарияҳои фалсафӣ ва фаҳмиши дастгоҳи мафоҳим ва консепсияҳои мавзӯи мавриди омӯзишро нишон медиҳад. Қосимов Қ.А. ҳамчун муаллифи тадқиқоти диссертатсионӣ салоҳият ва қобилияти таҳия ва омӯзиши усулҳои нави таҳқиқотиро низ дар ҳаллу фасли масъалаҳои он ба исбот расонидааст.

Диссертатсияи Қосимов Қ.А. кори таҳқиқотии мукаммал, анҷомёфта ва мустақили тахассусии илмӣ мебошад. Автореферат мазмуни диссертатсияро инъикос мекунад. Мазмуни рисола ба ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

пурра мувофиқат мекунад. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар мақолаҳояш, ки дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, ба чоп расидаанд. Кори таҳқиқотӣ хусусияти комилан мустақил, мукаммал ва аслӣ дорад. Диссертант дар таҳқиқоти хусусияти таърихи фалсафӣ дошта қобилияти бешубҳа эҷодӣ, суботкорӣ ва устувориро дар ҳаллу фасли мушкилоти илмӣ нишон медиҳад. Боварӣ аст, ки тамоми вазифаҳои илмие, ки дар назди диссертант гузошта шудаанд, бомуваффакият ба иҷро расида, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рушди таърихи фалсафа саҳми муҳим мегузоранд. Ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, ҳукмҳо ва хулосаҳо асосноку боэътимод мебошанд. Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Қосимов Қ.А. дар мавзуи «Муътазила ва фалсафаи ақлонии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)» кори илмии тахассусии анҷомёфта буда, ба меъёрҳо ва талаботи «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ»- и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои
фалсафа, профессори
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Р.З. Назариев

Имзои Р.З. Назариевро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода

15.06.2023